Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15)

Тақризи

**номзади илмҳои фалсафа, дотсент Бердиев Ш.П. ба автореферати диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи "Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Таҳлили адабиёти аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мақоми принсипи антропӣ дар низоми илми фалсафӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати методологӣ мубрам аст. Дар робита бо ин ҳолат зарурати муайян намудани истилоҳҳои номуайяни принсипи мазкур ва мушаххас кардани мазмун ва моҳияти истилоҳи «антропӣ» вуҷуд дорад. Барои мо, инчунин таҳқиқи робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, гузариши зисткурра ба ноосфера (курраи хирад), асоснок намудани зарурати кор карда баромадани илми нав таҳти унвони ноогеника бениҳоят муҳим аст. Ба ин принсип, ки дорои дараҷаи баланди илмӣ мебошад, рӯй овардан барои ҳалли вазифаҳои асосии фалсафӣ (донисташаванда будани Олам (гносеология), онтология, номология, аксиология ва ғ.) имконияти заруриро мекушояд. (саҳ 3).

Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи фалсафии принсипи антропӣ алоқаи байни инсон ва Кайҳон (Олам)-ро муайян мекунад, ки яке аз мавзуъҳои доимии фалсафа ба шумор рафта, мушкилоти методологӣ ва байнифаннии ҷанбаҳои принсипи антропӣ, алоқаи мутақобилаи микрокайҳон ва макрокайҳон, масъалаҳои фалсафии паҳншавии ҳаёт дар Коинот, ҷанбаҳои антропоэкологӣ ва антропокайҳонии таҳаввулоти инсон, асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии раванди таҳаввули ноосферогенез аз ҷониби як қатор олимон маврди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Масалан чунин таҳқиқот дар корҳои Л.Б. Баженов, Ю.В. Балашов, Г.В. Гивишвили, П. Дэвис, Р.Г. Идлис, В.П. Казначеев, Е.А. Спирин, В.А. Амбартсумян, В.В. Казютинский, Е.Н. Князева, С.П. Курдюмов, Ҷ. Уиллер, И.С. Шкловский, Э. Янч, М.С. Асимов, А. Турсунов, Х. Эверет, Ли Смолин, А.Р. Уоллес, Д. Барроу, Г. Типлер, М. Тегмарк, А.Л. Зелманов, Д.Я. Мартинов, Л.М. Гиндилис, Т.Я. Сутт, А. Бергсон, Н.Н. Моисеев маврди таҳлил қарор гирифтааст. (саҳ 5-6).

Навгонии илмии таҳқиқот ба он асос меёбад, ки дар рисола дар асоси методологияи илмӣ-табиӣ, таълимоти таҳаввулоти кайҳонӣ, дар асиои дастовардҳои табиатшиносии муосир ҷанбаҳои фалсафӣ ва методологии таносуби принсипи антропӣ бо таҳаввулоти глобалӣ ва таҳаввули ноосферогенез таҳлил гардида, кӯшиш карда шудааст, ки мақоми онҳо дар низоми фалсафаи илми муосир муқаррар карда шаванд. Муҳимтарин натиҷаҳое, ки навоварии илмии рисоларо муайян менамоянд, инҳо мебошанд:

- Бори аввал мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ муфассал баррасӣ гаштааст.

- Дар рисола асоснок карда шудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил додаанд (саҳ 10).

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти рисола дар он ифода меёбад, ки дар он маводи васеи фанҳои физика, астрофизика, кайҳоншиносӣ, астрономӣ, биология, антропология, синергетика ва тамоюли байнифаннӣ мақоми фалсафӣ ва методологии принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти глобалӣ дар низоми манзараи илмии олам асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои бадастомада барои муайян намудани ҳамбастагии табиати зинда ва ғайризинда, паҳн гардидани ҳаёт дар Коинот, таносуби инсон ва Коинот, мавҷудияти дастаи коинотҳо – Мултиверс, барои коркарди назарияи ноосфера имкон медиҳанд.

Асосокӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда бо таҳқиқи маҷмуи миқдори зиёди сарчашмаҳои илмӣ-табиӣ ва фалсафӣ ифода ёфта, бо методологияи усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ ва равиши низомнокӣ тасдиқ карда мешаванд.

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои диссертант аҳаммияти баланди бунёдӣ ва илмӣ дошта, татбиқ ва истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби аввали диссертатсия – "**Принсипи антропӣ ва фаҳмиши илмӣ-табиию метдологии он**" ба таҳлили назариявии масъалаи гузошташуда бахшида шудааст. Диссертант масъалаи мазкурро дар давраҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин замина хулосаи зерини муаллиф ҷолиби диққат аст: "Илми қарни XX бо назардошти дастовардҳои илми физика, астрофизика, кайҳоншиносӣ, астрономия ва дигар илмҳо барои фаҳмонидани асосҳои бунёдии Олам принсипи антропиро пешниҳод менамояд. Пешниҳоди принсипи антропӣ муҳаққиқонро водор намуд, ки чунин хусусияти таҳаввулоти глобалиро ҷустуҷӯ намоянд, ки ҷанбаҳои асосии Олам (Кайҳон, мавҷудияти ҳаёт ва, ҳамчунин, инсон)-ро дарбар гирад. Дар натиҷа таҳқиқоти илмӣ дар ин самт принсипи антропиро ба гардиши умумиилмӣ оварда мерасонад" (саҳ. 13-17).

Боби дуюми диссертатсия – "**Принсипи антропӣ дар таносуб бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ**" ном гирифтааст. Дар боби мазкур қайд гардидааст, ки дар адабиёти илмӣ ин мавзуъ дар доираи ғояи таҳаввулоти глобалӣ баррасӣ мегардад. То имрӯз, байни олимони соҳаҳои гуногун мунозираҳо атрофи ғояи таҳаввулот идома дошта, ақидаи ягонаи умумиэътирофӣ вуҷуд надорад. Таҳлили нуктаҳои назари ҷойдошта нишон медиҳад, ки оид ба фаҳмиши таносуби принсипи антропӣ ва консепсияи таҳаввулотгароии глобалӣ равишҳои физикӣ, биологӣ, астрономӣ, астрофизикӣ мушоҳида мегарданд. (саҳ. 18-21).

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқоти анҷомёфта 4 мақола буда, дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Автореферати диссертатсияи Зайналов Қ.М. дар мавзуи "Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта мебошад.

Бо вуҷуди ин, муваффақиятҳо автореферати диссертатсия аз камбудиҳо орӣ нест. Аз ҷумла, дар автореферат камбудиҳое низ ҷой доранд, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд. Аммо аҳамияти илмии диссертатсияро кам намекунанд, зеро дар автореферат ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот дуруст муайян шуда, муаллиф ба натиҷаҳои асосноки илмӣ даст ёфтааст.

Автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи диссертатсия Зайналов Қ.М. ба дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба
номи С. Айнӣ

Бердиев Ш.П.

Имзои н.и.ф., дотсент Ш.П.Бердиев -ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ

А. Мустафозода

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Тел. 935008547
Почтаи электронӣ: shokhnazar@mail.ru

"29" 04 2024с.